INNOVATIVE WORLD

ISSN: 3030-3079
Impact Factor: SJIF X.XXX

# ORIENTAL JOURNAL OF ACADEMIC AND MULTIDISCIPLINARY RESEARCH

Open Access, Peer Reviewed Journal

Scientific Journal






# ҚАСИДАҲОИ “ШИКОЯТ АЗ ПИРӢ” ДАР АДАБИЁТИ АСРИ X

**Саломатуллоев Ҷовидҷон Хайруллоевич**

Донишҷӯи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов

**Вожаҳои калидӣ**

қасида, мазмуну мундариҷа, забону услуб, анъана ва навоварӣ.

***АННОТАТСИЯ.***

Дар мақола оиди инкишоф ва шаклгирӣ, мазмуну мундариҷа ва ҷиҳатҳои муштараку фарқкунандаи қасидаҳои “Шикоят аз пирӣ”-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Мантиқии Розӣ ва Кисоии Марвазӣ маълумот дода мешавад. Барои таълифи мақола асосан қасидаҳои шарҳиҳолии адибони номбурда, ки дар қарни X зиндагӣ ва эҷод намудаанд, мавриди таҳлил қарор гирифт.

## МУҚАДДИМА

Қасида дар истилоҳ яке аз шаклҳои лирикии адабиёти классикӣ буда, шаклу тарзи қофиябании он аз адабиёти араб омадааст, вале мазмуни он дар адабиёти қадимии форсу тоҷик дида мешавад, зеро сурудҳо ба Худоҳо, қаҳрамонҳои халқӣ, афсонавӣ ва подшоҳон вуҷуд дошт. Ин шакли шеърӣ дар адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои IX-X инкишоф ёфт. Тарзи қофиябандии он монанди ғазал буда, дар шакли аа, ба, ва, га... мебошад. Ҳаҷми қасида аз на кам аз 15 байт буда, аз ҷиҳати сохт ва устухонбандӣ ду хел - пурра ва нопурра мешавад.

Қасидҳо бештар дорои мазмуни мадҳӣ буда, ба қисмҳои зерин ҷудо мешавад:

1. Насиб ё ки ташбиб
2. Гурез.
3. Мадҳ.
4. Талаб.
5. Хотима.

Касида аз рӯи ҳаҷм ва вазн маҳдудият надорад. Муҳимтарин хусусияти ин жанр дар объекти тасвири вай аст. Доираи объекти тасвири қасида хеле васеъ, муҳташам, камназиру бузург мебошад. Қасида бояд оҳанги лангардор, мутантан, босалобат дошта бошад.

Хусусияти дигари қасида офариниши батафсили образи қаҳрамони лирикӣ аст, ки инро бозёфти жанри қасида меҳисобанд. Ҷаҳонбинии қаҳрамони лирикӣ, дараҷаи дониш, завки эстетикии ӯ, махсусан мавқеи иҷтимоии вай тамоман равшан баён мешавад. Ғайр аз ин аз қасидаҳои Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Лабибӣ, Манучеҳрӣ, Носири Хусрав, Анварӣ, Мушфиқӣ ва дигар адибони қасидасаро чеҳраи ҳунарии худи шоиронро шинохтан мумкин аст.

## МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО

Аз таърих медонем, ки жанри қасида аз ибтидои асри X сар карда, яке аз навъҳои адабии роиҷ ва ҳоким дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ҳисоб меёфт. Ин жанр дар адабиётшиносии асримиёнагии тоҷику форс, хусусан дар давраҳои аввали он бамаънии умумии шеър истифода мешуд. Дар таърихи адабиёти форс-тоҷик навъҳои гуногуни қасида ба миён омадааст; аз ҷиҳати мавзуъ, мазмуну мундариҷа ва шакл онҳоро ба якчанд гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст. Номи қасидаҳо ба мавзӯъ, мазмуну хели онҳо ишорат менамоянд, ки чунинанд: мадҳия, марсия, баҳория, фахрия, хазония, ҳаҷвия, ҳолия, ишқия, хамрия ва фалсафӣ. Вобаста ба шароити зиндагӣ, ҳаёти иҷтимоию сиёсии давр, аҳволу маишати шоирон мазмуну мундариҷа ва шакли қасидаҳо тағйир ёфтааст. Дар тарғибу ташвиқи ақоиди иҷтимоии шоирон (даъвати шоҳон ба адлу адолат дар мадҳияҳо, оҳангҳои шикоят аз давру замон ва ё ҳолатҳои худи муаллиф дар қасидаҳои шиквоӣ), ашъори панду ахлоқии онҳо, баёни афкори фалсафӣ ва ғ. аҳамияти ин жанр зиёд аст.

Мақсад ва вазифаи асосии пажӯҳиши илмии мо омӯхтан ва муайян намудани ҷойгоҳи қасидаҳои шиквоӣ, махсусан қасидаҳои "Шикоят аз пирӣ" дар асри 10 мебошад.

Қасидаи ҳолӣ, шикоятӣ (шиквоия), қасидае, ки дар он шикояти шоир аз замон, зиндагии номусоид, баёни ночизию беэътибории ҷаҳон, тасвири ягон лаҳзаи ҳаёт, гузаштани умри ҷавонӣ, азобу машаққатҳои зиндон, дурӣ аз зану фарзанд, хешу табор ва ғайра, оварда шудааст. Қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ, Мантиқии Розӣ, Кисоии Марвазӣ дар асри 10 ва баъдтар, яъне дар асри 11 қасидаҳои шиквоии Масъуди Саъди Салмон беҳтарин намунаҳои ин навъи қасида ба шумор меравaнд.

Дар адабиёти асри X-и форс-тоҷик аввалин қасидаи шикоят аз пирӣ ба устоди бузурги сухан Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ тааллуқ дорад. Ӯ қасидаи пурмӯҳтавои худро ки бо номи "Шикоят аз пирӣ" машҳур гардида, то имрӯз аҳамияти илмию таърихии худро аз даст надодааст бо маҳорати баланду диди нозук ва эстетикаи махсуси фардӣ эҷод намудааст. Минбаъд ин анъана давом ёфта бошад ҳам, то ҳадди Рӯдакӣ ба дараҷаи бояду шояд таълиф нагардидааст. Профессор Абдунабӣ

Сатторзода дар мақолаи "Шикоят аз пирӣ ва шеъри ҳолия дар асри даҳум" оиди қасидасароёни садаи X чунин мегӯяд:

“Дар миёни шеърҳои ҳамасрони Рӯдакӣ, аз он ҷумла дар байни сурудаҳои Мантиқии Розӣ (ваф. дар солҳои 977 ва 990), Кисоии Марвазӣ (охири а. 10 ва аввалҳои а. 11) чанд қасида ва қасидагунае боқӣ монда, ки аз бисёр ҷиҳатҳо қасидаи «Шикоят аз пирӣ» - и устод Рӯдакиро ба хотир меорад.”1

Қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ дорои 34 байт буда, аз нигоҳи мавзӯъ шарҳиҳолӣ мебошад, ки дар айёми пириву рӯзҳои сахти шоир эҷод гардидааст. Дар қасида шоир лаҳзаҳои муҳимтарини рӯзгори худ ва пастию баландиҳои онро ба ёд овардааст. Устод Рӯдакӣ ҳаёти гузаштаи ширини афсонавӣ ва рӯзгори ҳозираи талхи воқеии худро як-як пеши назар оварда, аз онҳо ёд мекунад. Қасида аз нигоҳи устухонбандӣ ба панҷ қисмат ҷудо карда шудааст. Аз рӯйи гуфтаи шоир фалокате ба сараш меояд ва аз таъсири он дандонҳояш мерезанд. Дар ҳамин ҷо тасвири ин манзараро бо ҳамагуна санъатҳои рӯзгор вобаста медонад:

Маро бисуду фурӯ рехт ҳар чӣ дандон буд,

Набуд дандон, ло бал чароғи тобон буд.

Сапеду симзада буду дурру марҷон буд,

Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд.

Яке намонд кунун з-он ҳама, бисуду бирехт.

Чӣ наҳс буд? Ҳамоно, ки наҳси Кайвон буд.

Баъдан, шоир масъалаи ҳамеша дар ҳаракат будани одаму оламро ба қалам медиҳад. Рӯдакӣ баъди омӯхтани олами воқеӣ ба хулосае омадааст, ки олами моддӣ якранг набуда, ҳамеша дар гардиш аст:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирд гардон аст,

Ҳамеша то бувад оин-ш гирдгардон буд.

Ҳамин тариқ, Рӯдакӣ аввалин устоди суханест, ки аз таҷрибаи рӯзгор ҳарф задааст. Ӯ дар ин соҳа муаллиме будааст, ки ҳама бояд аз ӯ дарси ибрат мегирифтанд.

Тавре дар боло зикр гардид Кисоии Марвазӣ, ки намояндаи доираи адабии Марв мебошад, қасидаи шарҳиҳолие дорад, ки бевосита дар пайравии қасидаи Рӯдакӣ ба миён омадааст. Матлаъи қасидаи Кисоӣ чунин аст:

Ба сесаду чиҳилу як расид навбати сол,

Чаҳоршанбаву се рӯз боқӣ аз шаввол.

Кисоӣ дар иғози қасидаи худ зикри солу рӯзу моҳи таваллудаш, аз парешону ройгон гузаштани ҳама умраш, пойбанди ҳирсу оз буданаш, шабу рӯз аз марг ниҳеб доштанаш, ба молу амал беш аз ин майл накарданаш ва ғ., аз он ёд овардааст, ки ба ҷаҳон аз ҷумла ба хотири суруд гуфтану шодӣ кардан ба неъмату мол омада буд:

Биёмадам ба ҷаҳон, то чӣ гӯяму чӣ кунам,

Суруд гӯяму шодӣ кунам ба неъмату мол.

Дареғи фарди ҷавонӣ, умри латиф, сурати накӯ, ҳусну ҷамоли хеш карда, бо ҳасрат хабар додааст, ки он ҳама хубӣ, он ҳама ишқ, он ҳама нерӯ ва он ҳама ҳол, ки дар «он айём» дошт, гузашт, «кунун» сараш ба гунаи шир сафеду дилаш ба гунаи қир сиёҳу рухаш ба гунаи нил зарду танаш ба гунаи нол (най) нолон аст:

Дареғи фарри ҷавонӣ, дареғи умри латиф,

Дареғи сурати некӯ, дареғи ҳусну ҷамол.

Куҷо шуд он ҳама хубӣ, куҷо шуд он ҳама ишқ,

Куҷо шуд он ҳама нерӯ, куҷо шуд он ҳама ҳол?!

Сарам ба гунаи шир асту дил ба гунаи қир,

Рухам ба гунаи нил асту танам ба гунаи нол.

Ин гуфтаҳои Кисоӣ, бешак, бардоште аз байтҳои зери Рӯдакист:

Ҳаме чӣ донӣ, эй моҳрӯйи мушкинмӯй,

Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд?

Ба зулфи чавгон нозиш ҳаме кунӣ ту бад-ӯ,

Надидӣ он гаҳ ӯро, ки зулф чавгон буд.

Шуд он замона, ки рӯяш ба сони дебо буд,

Шуд он замона, ки мӯяш ба сони қатрон буд.

Чунон ки хубӣ меҳмону дӯст буд азиз,

Бишуд, ки боз наёмад, азиз меҳмон буд.

Басо нигор, ки ҳайрон будӣ бад-ӯ дар чашм,

Ба рӯи ӯ-дар чашмаш ҳамеша ҳайрон буд.

Шуд он замона, ки ӯ шод буду хуррам буд,

Нишоти ӯ ба фузун буду ғам ба нуқсон буд.

Пас, маълум мегардад, ки Кисоӣ ҳам дар офаридани маъниҳои гуногун ва ҳам дар тарзи услуби нигориш ба устоди панҷрӯдӣ такя намуда, барои пуробуранг намудани қасидаи худ аз таркибу тасвирҳои муштарак хеле фаровон истифода намудааст.

Дигаре аз ҳолиясароёни ин аҳд - Мантиқии Розӣ буда, ӯ низ дар адабиёти асри Х-и форс-тоҷик бо ашъори нисбатан камшумори худ мавқеи ба худ хос дорад. Дар байни ашъори парокандаи Мантиқӣ, ки аксар қасида ҳастанд дуто қасидаро, ки мазмуни шикоят аз пириро доранд, дучор мешавем.

“Мантиқии Розӣ, ки аз муосирони ба нисбат наздики Рӯдакӣ ба шумор меравад, бар хилофи Кисоӣ замони зинда будани соҳиби «Шикоят аз пирӣ»-ро дарёфтааст. Шояд ба ҳамин сабаб ва ҳам ба иллати он ки дар пирияш мисли Рӯдакӣ аз тамоми дороию хушиҳое, ки дошт, маҳрум гардида, аз хидмати дарбор ҳам дур монда буд, аз тарзи сухани устод Рӯдакӣ беш аз дигар муосиронаш, хосса Кисоӣ баҳра бардоштааст. Гуфтан бамаврид аст, ки вай бар вазн ва сабки «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ як не, дуто қасидаи ҳолия офарида, ки аз якумӣ 17 ва аз дуюмӣ 11 байт боқӣ мондааст. Дар ҳар дуи ин қасидаҳо Мантиқии Розӣ мисли устод Рӯдакӣ дар «Шикоят аз пирӣ» ёде аз гузашта – «он айём» ва ҳозира – «кунун»-и ҳоли хеш намудааст.”2

Шуд он маваддату он дӯстию он айём,

Ки бар муроди дили хеш мениҳодам гом...

Басо шабо, ки ба рӯи нигор кардам рӯз,

Сапедрӯз, ки кардам ба зулфи хубон шом.

Мантиқии Розӣ дар баробари истифода аз тарзи баён (яъне тазоди «он айём» ва «кунун»), воситаҳои тасвир (тазод, такрор, тавсиф, ташбеҳу истиораҳо) ва таъбиру таркибҳои қасидаи Рӯдакӣ (мисли «бад-он замонаву» «бад-ин замона», «буду» «шуд», « аз ину в-аз он», «сапедӣ», «зулф», «мушк», «ғолия», «сиёҳ», «ҳамеша», «ҳаме», «кирою маро», «нигор» ва ғ.) маъниҳои баъзе аз байтҳои ӯро низ айнан ё мазмунан гирифтааст. Монанди:

Ҳамехариду ҳамедод бешумор дирам

Ба шаҳри ҳар кӣ яке турки норпистон буд.

Басо канизаки некӯ, ки майл дошт бад-ӯ

Ба шаб зи ёрии ӯ назди ҷумла пинҳон буд.

## ХУЛОСА

Аз муқоисаи қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ бо ашъори ҳолияи Мантиқии Розӣ ва Кисоӣ маълум мегардад, ки шоирони номбурда дар гуфтани қасидаи ҳолия асосан зери таъсири устоди панҷрӯдӣ монда, аз қолаби ихтироънамудаи ӯ дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ» берун нарафтаанд.Зеро Рӯдакӣ дар ҷодаи шеъру шоирӣ, махсусан қасидасароӣ, ки як навъи нави шеъри он замон ба ҳисоб мерафт, мислу ҳамто надошт. Ҳарчанд бисёре аз шоирону адибони давр барои баробар шудан ба дараҷаи ӯ ҳаракат мекарданд, аммо натавонистанд баробар шаванд, ҳатто ба пояи шоирии ӯ натавонистанд расида гиранд. Аз ин боис дар қасидасароии шиквоия низ Мантиқиву Кисоии Марвазӣ аз қолаби асосии Рӯдакӣ баромада натавонистаанд. Ба маънии дигар, дар шарҳиҳолинависӣ навигарие дохил накардаанд.

## КИТОБНОМА:

1.Ҳамроев Ҷумъақул, Сироҷиддини Эмомалӣ. Назарияи адабиёт. - Душанбе, соли 2020. Саҳифаи 168.

2.Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Сталинобод, Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. 257 с.

3.Насриддин.А, Насриддинов.Ф.- Рӯдакӣ - устоди суханварони аҷам.- Хуҷанд 2008.

4.Забеҳуллоҳ Сафо.- Таърихи адабиёт дар Эрон.-ҷ.1.-Теҳрон, 1389.- с.431-433

5. Сатторзода А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ. – Душанбе, "Адиб", 2001. 98 с.

6. Сатторзода А. Аз Рӯдакӣ то Лоиқ. – Душанбе, "Адиб" , 2013. 145с.

7. Шарифов Х. Адабиёти аҳди Сомониён. – Душанбе, 2009. 35 с.

8. Фурӯзонфар Б. Сухан ва суханварон. – Теҳрон, Хоразмӣ, 1990, 67 с.